**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи: “Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия).**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва муҳтавои кори диссертатсионии **Олимзода Қутбиддин Зайнуддин** дар мавзӯи ***“Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)”*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия).

Дар диссертатсия масъалаҳои бунёдии назариявӣ ва методологии ташаккули тавозун ва ҷараёни об, таҳшинҳо, моддаҳои кимиёвӣ, гармӣ ва тағйирёбии фазоию вақтии онҳо таҳлил шудаанд. Ҳамчунин, нақши омилҳои табиӣ ва хоҷагидорӣ, генезеси маҷро ва хусусиятҳои физикию стохастикии ҳаҷми оби дарёҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба банди 3-и шиносномаи ихтисос мутобиқанд»

Ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои ҳисоб ва пешгӯйи намудани хусусиятҳои тавозунӣ ва маҷрои об, зарротҳои муаллақ ва таҳшинҳои ҳаракаткунандаи ҷараёни зери маҷро, моддаҳои кимиёвӣ; арзёбии таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ва тағйирёбии иқлим ба маҷрои об ва равандҳои гидрологӣ, ба ҳолати экологии объектҳои обӣ банди 11-и шиносномаро фаро мегиранд.

Бо дарназардошти таҳлили мазмун ва самтҳои асосии таҳқиқот метавон хулоса намуд, ки мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия пурра ба бандҳои 3-11 шиносномаи ихтисоси 2.1.37 мувофиқ буда, ба доираи масъалаҳои илмии ин ихтисос ҷавобгӯ мебошад ва аз нигоҳи ихтисосӣ дуруст интихоб гардидааст.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот**

Вобаста ба шиддатгирии равиши гармшавии иқлим ва сарбориҳои техногенӣ ба ҳавзаи обҷамъшавӣ, ҷараёни об, арзёбии эътимодноки ташаккулёбии захираҳои обӣ ва обтаъминкунии соҳаи иқтисодиёт дар ҳавзаи Зарафшон, таҳлили тавсифи табиию иқтисодӣ ва хусусан тағйирёбии чашмдошти иқлим ва таъсири он ба маҷрои дарё барои банақшагирииояндаи рушди иқтисодӣ дар минтақаи ҳавзавии Зарафшон бениҳоят муҳим мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Таҳлили муҳтавои диссертатсия Олимзода Қ.З. нишон медиҳад, ки кори анҷомдода дорои навгонии мушаххаси илмӣ будаа, як қатор масъалаҳои то ҳол ба таври мукаммал омӯхтанашудаи гидрология ва хусусиятҳову омилҳои асосии ташаккул ва истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақаи ҳавзавии Зарафшон,

арзёбии аниқи ҳолати кунунии захираҳои оби рӯизаминии ҳавза, пешгӯии тағйироти онҳо тахти таъсири омилҳои антропогенӣ ва иқлимӣро фаро мегирад.

Ва дар ин баробар дақиқ кардани хусусиятҳои гидрологии ҷараёни солонаи об, коэффисиентҳои вариатсия ва асимметрия дар ҳавзаи дарёи Зарафшон, муайян намудани бузургиҳои ҳисобии элементҳои тавозуни оби ҳавзаи ҷамъоварии об тахти таъсири тағйироти иқлимӣ, ҳисоб ва арзёбӣ намудани пешгӯии тақсимоти дохилисолонаи ҷараёни об аз ҳавзаи ҷамъоварии об дар шароити тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2050, арзёбӣ намудани тағйироти эҳтимолии хусусиятҳои иқлимии минтақаи ҳавзавии Зарафшон ва ҷараёни солонаи об аз ҳавзаи ҷамъоварии он дар сенарияҳои гуногуни иқлимӣ барои давраи то соли 2050, муайян ва пешниҳод намудани тавозуни гидроэкологии дарёи Зарафшон ва шохобҳои асосии он (дарёҳои Масчоҳ, Киштӯддарё, Моғиёндарё). ин ҷанба ба таҳқиқот хусусияти навоварона мебахшад.

Бо дарназардошти тағйирёбии иқлим то соли 2050, кор карда баромадани усулҳои илман асоснок ҷиҳати мутобиқсозии реҷаи обгирӣ ба реҷаи гидрологӣ ва таъмини мувозинати гидроэкологии шохобҳои дарёи Зарафшон муҳим ва мубрам аст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Дар диссертатсия эътимоднокӣ ва асоснокии илмии натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои муосири гидрологӣ ва таҳлили маълумотҳои 5 дидбонгоҳи гидрометрӣ ва 13 метрологӣ таъмин гардидааст

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, 9 замима, хулосаҳои асосӣ ва номгӯи адабиёти истифодашуда, ки 141 номгӯйро дар бар мегирад, иборат мебошад.

Ҳаҷми умумии рисола 163 саҳифаи матни компютери чопшударо ташкил медиҳад, ки аз он 125 – то матни асосӣ, аз ҷумла 32 расм ва 21 ҷадвал мебошанд.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯъи таҳқиқот асоснок, ҳадаф ва вазифаҳо муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ, муқаррароти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд ва аҳамияти таҷрибавии натиҷаҳои ба дастомада инъикос гардидаанд, инчунин маълумот дар бораи татбиқсозии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишороти он оварда шудаанд.

**Дар боби якум** баҳодиҳии ҳолати воқеии майдони обғундории ҳавзаи дарёи Зарафшон, ташхиси шароитҳои табиии гузаронида шуда, мушкилоти алоқаманд ба тағйирёбии иқлим, баҳодиҳии ҳолати заминистифодабарӣ, ҳолати идоракунии захираҳои табиӣ, баҳодиҳии хусусиятҳои хоси ташаккулёбии захираҳои обӣ, таъсири қабати хоку растанӣ ва дигар омилҳои антропогенӣ, ҷамъоварӣ ва ташхиси маълумотҳои иқлимию гидрологии ҳавзаи дарёи Зарафшон оварда шудааст. Инчунин мушкилот оид ба таъминоти бехатарии ҳавзаи дарё муайян карда шудааст. бо далелҳо пешниҳод шудааст.

**Дар боби дуюм** натиҷаҳои истифодабарии воситаи баҳодиҳии захираҳои замину об– SWAT оварда шудааст, ки барои муайян кардани сарҳади зерҳавзаҳо ва мутаҳидкунии онҳо дар минтақаи зерҳафзаҳо бо назардошти таҷрибаи тартибдиҳии накшаҳои ҳавзавӣ идоракунии захираҳои обӣ дар минтақаи ҳавзаи дарёи Сир ва Зарафшон зарур аст.Хавзаи дарёи Зарафшон аз 249 шохобҳои калон иборат аст, ки онро муаллиф ба 8-зерҳавза мутаҳид намудааст пешниҳод шудааст.

Мувозинаи обӣ тартиб дода шуда, чорабиниҳои таъминкунандаи устувории реҷаи гидрологии шохобҳои асосии обтаъминкунӣ пешкаш карда мешаванд. Ташхиси маълумотҳои гидрологӣ дар дидбонгоҳҳои асосии дарёи Зарафшон (Дупулӣ) нишон дод, ки дар солҳои серобӣ (10% таъминот) ҳамасола аз 6504,23 то 6652,24 млн.м3 об, дар соли обтаъминкуниаш 50% ин нишондиҳандаҳо аз 5241,27 то 5274,43 млн.м3, дар солҳои камобӣ аз 4133,34 то 4146,65 млн.м об-ро ташкил медиҳад. таҳлил ва пешниҳод шудааст.

**Дар боби сеюм** Соли 2018 сарфи оби ҳавза аз ҳамаи сарчашмаҳо 385,66 млн м³ (42,4%-и меъёри умумии обгирӣ аз дарёи Зарафшон)-ро ташкил дод. Тибқи ҳисобҳо, бо назардошти афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ, то соли 2030 ин нишондиҳанда метавонад ба 665,44 млн м³ (73,21%) расад.

Бо вуҷуди пешрафти обтаъминкунӣ, дар зерҳавзаҳои Киштуд (моҳҳои март–июн) ва Моғиён (моҳҳои март–сентябр) норасоии об мушоҳида мешавад. Дар солҳои хушксолӣ ин норасоӣ метавонад дар Киштуд 3,85 млн м³ ва дар Моғиён 39,35 млн м³ афзоиш ёбад. Ин вазъ зарурати ҷорӣ намудани технологияҳои обсарфакунанда ва андешидани чораҳои дигарро тақозо мекунад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**.

Натиҷаҳои диссертатсияи пешниҳодшуда дорои аҳамияти фарогири илмӣ-назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимой мебошанд ва ба ҳалли масъалаҳои мубрами соҳаи идоракунии захираҳои обӣ мусоидат менамоянд.

**Аҳамияти назариявӣ таҳқиқот**

Дар муайянамудани методологияи тадқиқоти зерин имкон медиҳад, ки тамоюлҳои тағйирот дар ташаккулёбии шохобҳои маҷрои дарёи Зарафшон ва моделҳои таҳқиқот, ки раванди автоматизатсиякунии сарҳадҳои зерҳавзаҳои шохобҳои дарё ва ташаккули минтақаҳои захираҳои об дар асоси принсипи гидрологӣ амалӣ карда мешаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** бошад, тавсияҳо ва чорабиниҳои амали барои Пешгӯии ҷараёни дарёҳо дар минтақаи ҳавзаи Зарафшон вобаста ба солҳои гуногуни мавҷудияти об тартиб дода шуд, ки метавонанд дар лоиҳакашӣ ва сохтани иншоотҳои гидротехникӣ истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Унвонҷӯ Олимзода Қ.З. ҷиҳати бадастоварии натиҷаҳои илмии диссертатсия саҳми мустақил ва назаррас дорад.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва ҷаласаҳои илмии Муассисаи давлатии пажуишгоҳи илмию тадқиқоти гидротехника ва мелиоратсияи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвиб ва амалӣ гардидаанд:

– “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об” (Душанбе, 2013); бахшида ба 20-умин солгарди Ваҳдати миллӣ ва Соли ҷавонони Тоҷикистон дар мавзӯи “Тағйирёбии иқлим ва захираҳои оби Осиёи Марказӣ (Душанбе, 2017);

– “Истифодаи устувори захираҳои об ва таъсири он ба бахшҳои иқтисоди миллӣ дар шароити тағйирёбии иқлим” (Душанбе, 2017);

– “Идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои оби дарёи Зарафшон” (Айнӣ, 2018); чорабинии байналмилалӣ бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо (Душанбе, 2019) маърӯза ва баррасӣ карда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Олимзода Кутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи: “Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) тадқиқоти пурмазмун, таҳлилӣ ва муҳими илмию амалиро дар бар мегирад. Маводи пешниҳодшуда ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдик 9 шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия.**

Автореферат ва диссертатсияи Олимзода Кутбиддин Зайнуддин дар мавзуи “Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)” пурра мутобиқ ба талаботҳои амалкунандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба барасмиятдарории корҳои илмӣ мебошад. Он ҳадафҳо, вазифаҳо, навгониҳо ва натиҷаҳои илмии тадқиқотро комилан инъикос мекунад. Ҳамаи ҷанбаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар автореферат равшан баён шудаанд. Диссертатсия ва автореферат мутобиқ ба талаботи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) буда, сохтори онҳо стандартҳои илмии пешниҳоди маводи тадқиқотиро риоя менамояд. Ҳамаи ҷадвалҳо, расмҳо ва натиҷаҳои таҳлилӣ мувофиқ ба мундариҷаи диссертатсия оварда шудаанд. Ба таври умум, автореферат ба мухтавои диссертатсия комилан мувофиқ буда, ҳамаи хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ дар он дуруст ва равшан инъикос шудаанд.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ ва амалӣ доштани диссертатсия, таҳқиқи амиқи масъала ва таҳлили ҳамаҷониба, дар ҷараёни кор, як қатор ҷанбаҳо ба назар мерасанд, ки метавонанд бо ислоҳ ё такмили сатҳи тадқиқотро боз ҳам баландтар гардонанд. Камбудиҳои зер дар заминаи методология, мантиқияти сохтор ва забони илмӣ дида мешаванд ва хосияти муваққатӣ ва ислоҳшаванда доранд:

*1. Дар таҳқиқот саҳми обҳои зеризаминӣ дар ташаккули ҳаҷми умумии оби дарёи Зарафшон ва хусусиятҳои гидрогеологии ҳар як зерҳавзаи алоҳида ба пуррагӣ омӯхта нашудааст, ки ин ба ҳисоби дақиқи балансии обӣ монеъ мешавад.*

*2. Динамика ва суръати солонаи обшавии пиряхҳои ҳудуди ҳавзаи Зарафшон таҳти таъсири тағйирёбии иқлим ба таври мукаммал бо рақамҳои мушаххас ҳисоб карда нашудааст, ки пешгӯии захираҳои оби ояндаро мушкил мекунад.*

*3. Таъсири манфии партовҳои корхонаҳои кӯҳӣ ва маданӣ ба сифати оби дарё таҳлил нашуда, таъсири он ба экосистема ва паст шудани устувории захираҳои обӣ баҳогузории гидрохимиявӣ нашудааст.*

*4. Дар қисмати истифодаи оқилона, механизмҳои паст кардани талафоти об дар шабакаҳои обёрӣ ва ҳисоби воқеии истифодаи об аз рӯи ҳар як бахши иқтисодиёт (махсусан кишоварзӣ) асоснокии гидрологӣ надоранд.*

*5. Дар расми 3.1. дисертатсия харитаи конҳои обҳои зеризаминӣ тавзеҳот бо тарҷумаи ҳарф ба ҳарф аз забони русӣ оварда шудааст, ки сохти забони тоҷикиро вайрон кардааст.*

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста наменамояд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд. Кор бо дарназардошти заминаи муҳими илмию амалӣ анҷом ёфта, саҳми муаллиф дар таҳқиқи омилҳои ташаккули захираҳои оби дарёи Зарафшон ниҳоят назаррас аст ва камбудиҳои гидрологии ошкоргардида бошанд, имкон медиҳанд, ки муаллиф онҳоро дар пажӯҳишҳоиояндаи худ пайгирӣ намуда таҳким бахшад; аз ин рӯ, натиҷаҳои арзишманди бадастомада собит месозанд, ки муаллиф масъалаи мубрами соҳаро ҳамаҷониба таҳлил карда, барои сазовор шудан ба унвони илмии номзади илмҳои техникӣ комилан меарзад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи: "Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои техникӣ дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои техникӣ, директори
Маркази рушди инноватсионии илм
ва технологияҳои рақамии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қодиров А. С.

"20" августи соли 2026

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Фирдавси, кӯчаи 50-солагии
Тоҷикистон 7, ҳуҷраи 40.
Телефон: (+992) 938301983
E-mail.: dr.kodirov@mail.ru

Имзои *Қодиров А. С.*-ро **тасдиқ мекунам.**
Нозири кадрҳои Маркази рушди
инноватсионии илм ва технологияҳои
рақамии АМИТ Ҳасанов А.А.

НОЗИРИ КАДРҲО

**Суроғаи муассиса:**
Суроға: 734025, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 33, бинои Инноватсионӣ
Телефон: (+992 37) 2272852
E-mail.: dr.kodirov@mail.ru, www.cidsnt.tj

"20" август соли 2026